**Ф А Р М О И Ш И**

**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «01» 05 соли 2020 №1596 ш. Душанбе

**Дар бораи амалӣ намудани протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади амалӣ намудани протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2020, №2к/38-25 ва аз 1 майи соли 2020, №2к/43-24 мутобиқи моддаи 50 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 107 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2020, №2к/38-25 ва аз 1 майи соли 2020, №2к/43-24 ба роҳбарӣ гирифта шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда шаванд:

2.1. Донишҷӯёни курсҳои 1-3 (ихтисосҳои ҳамгиро-курсҳои 1-4, ихтисосҳои тиббӣ-курсҳои 1-5) аз 04.05.2020 ба таътили тобистона рухсат дода шаванд;

2.2. Сессияи санҷишию имтиҳонии донишҷӯён аз рӯи натиҷаи холҳои бадастовардаи донишҷӯён дар рейтингҳои якум ва дуюм ҷамъбаст ва баҳогузорӣ карда шавад;

2.3. Барои донишҷӯёне, ки дар соли таҳсил қарздор мемонанд, аз натиҷаи имтиҳонҳои ҷамъбастӣ норозӣ ҳастанд ё бо сабабҳои узрнок ширкат карда наметавонанд, ҷадвали баргузории имтиҳонҳои иловагӣ ё сессияи хурд ташкил карда, дар вақти муносиб барои супоридани имтиҳон иҷозат дода шавад;

2.4. Фаъолияти кори комиссияи аттестатсияи хатм то 15.05.2020 ҷамъбаст карда шавад;

2.5. Барои донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок дар имтиҳони давлатӣ иштирок карда натавонистанд, то анҷоми сол имтиҳони такрорӣ

ташкил карда шавад. Дар сурати дар ду давраи имтиҳон иштирок карда натавонистан ва ё баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан донишҷӯ тибқи тартиби муқарраргардида аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда шавад;

3. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ вазифадор карда шаванд:

3.1. Донишҷӯёни курсҳои 1 ва 2 (дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ), донишҷӯёни курси 1, 2 ва 3 (дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) аз 11-уми майи соли 2020 ба таътили тобистона рухсат дода шаванд;

3.2. Сессияи санҷишию имтиҳонии донишҷӯён аз рӯи натиҷаи холҳои бадастовардаи донишҷӯён дар рейтинги якум ва дуюм ҷамъбаст ва баҳогузорӣ карда шавад;

3.3. Барои донишҷӯёне, ки дар соли таҳсил қарздор мемонанд, аз натиҷаи имтиҳонҳои ҷамъбастӣ норозӣ ҳастанд ё бо сабабҳои узрнок ширкат карда наметавонанд, ҷадвали баргузории имтиҳонҳои иловагӣ ё сессияи хурд ташкил карда, дар вақти муносиб барои супоридани имтиҳон иҷозат дода шавад;

3.4. Фаъолияти кори комиссияи аттестатсияи хатм то 15.05.2020 ҷамъбаст карда шавад;

3.5. Барои донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок дар имтиҳони давлатӣ иштирок карда натавонистанд, то анҷоми сол имтиҳони такрорӣ ташкил карда шавад. Дар сурати дар ду давраи имтиҳон иштирок карда натавонистан ва ё баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан донишҷӯ тибқи тартиби муқарраргардида аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда шавад;

4. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вазифадор карда шаванд:

4.1. Хонандагони курсҳои 1 (дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) аз 11-уми майи соли 2020 ба таътили тобистона рухсат дода шаванд;

4.2. Нимсолаи дуюми хонандагони курсҳои 1 (дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ) аз рӯи натиҷаи баҳоҳои бадастовардаи хонандагон дар нимсолаи якум ва мониторинги сифати таҳсилот ҷамъбаст ва баҳогузорӣ карда шавад;

4.3. Фаъолияти кори комиссияи аттестатсияи хатм то 15.05.2020 ҷамъбаст карда шавад;

4.4. Барои хонандагоне, ки бо сабабҳои узрнок дар имтиҳони давлатӣ иштирок карда натавонистанд, то анҷоми сол имтиҳони такрорӣ ташкил карда шавад. Дар сурати дар ду давраи имтиҳон иштирок карда натавонистан ва ё баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан хонанда тибқи тартиби муқарраргардида аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда шавад;

5. Барои шаҳрвандони хориҷӣ як хобгоҳи алоҳида ташкил карда, донишҷӯёни ниёзмандро бо хобгоҳ таъмин ва раёсату шуъбаҳои муносибатҳои байналмилалии муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатгузории онҳо кӯмак намоянд;

6. Омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ то баромадан ба рухсатии меҳнатии навбатӣ ба омода намудани ҳисоботи солонаи соли таҳсили 2019-2020 оид ба иҷроиши корҳои таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ, таҳия

китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимию методӣ, мақолаҳои илмӣ, корҳои эҷодӣ машғул шаванд.

7. Музди меҳнати кормандони муассисаҳои таълимӣ (новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ) дар давраи муваққатан боздоштани раванди таълим пардохт карда шавад.

8. Ҳамкорони штатӣ ва ғайриштатии беруна, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ фаъолият мекунанд, аз 15.05.2020 аз кор озод карда шаванд.

9. Маблағгузории рухсатиҳои меҳнатии навбатии кормандони муассисаҳои таълимӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №313 амалӣ карда шавад.

10. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Қодирзода гузошта шавад.

Асос: протоколҳои ҷаласаи Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои зиддиэпидемикӣ барои пешгирии интиқол ва пайдоиши сирояти нави коронавирус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2020, №2к/38-25, аз 1 майи соли 2020, №2к/43-24 ва раводиди ман.

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм
Шуъбаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот